**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори Донишгоҳи давлатии**
**ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**
**доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессор__________Шарифзода М.М.**
**«_____» ___________соли 2020**

**Тақризи**
**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи**
**Ширинҷонов Фирдавс Изатуллоевич дар мавзӯи**
**«Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое, ки бо**
**муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқамананд», ки барои**
**дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ**
**аз руи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология;**
**ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ),**
**пешниҳод шудааст**

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқотӣ**. Диссертатсияи номзадии Ширинҷонов Фирдавс Изатуллоевич дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманд» дар замони муосир ба яке аз масъалаҳои мубрами илм, ҳуқуқи ҷиноятӣ бахшида шуда, дорои хусусияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Мубрамияти мавзӯъ бо омилҳои зерин аз ҷониби муаллиф асоснок карда шудааст: *якум,* муаллиф қайд менамояд, ки муҳоҷирати ғайриқонунӣ ба амнияти миллии ҳар давлат таҳдидро ба вуҷуд меорад. Яке аз сарчашмаҳои асосии зиёд гаштани сафи гурӯҳҳои ҷиноятие мебошад, ки асосан ба қочоқи маводи мухаддир, савдои одамон, содир намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ ва террористӣ дошта, паҳннамоии ғояҳои ифротгароии динӣ ва ғайра буда, ба амнияти давлатӣ ва сохтори конститутсионӣ ва дар маҷмӯъ ба ҳокимияти давлатӣ таҳдид менамояд (саҳ. 6). Ба андешаи муаллиф дар замони муосир вазъи муҳоҷират дар робита бо амалиёти ҷангӣ дар як қатор мамлакатҳои Шарқи Наздик шадид буда, шумораи зиёди сокинони онҳо маҷбуранд ба мамлакатҳои хориҷӣ муҳоҷират кунанд. Вазъи муҳоҷират дар ҶТ дар робита бо рӯйдодҳои сиёсиву-низомӣ дар мамлакати ҳамсоя Афғонистон низ мубрам боқӣ мемонад (саҳ. 7). Бинобар ин, масъалаи танзими ҳуқуқи ҷиноятии равандҳои муҳоҷиратӣ

барои Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрамияти худро нигоҳ медорад; *дуюм,* меъёрҳои мавҷудаи КҶ ҶТ, ки ҷавобгариро барои ҷиноятҳо дар самти муҳоҷирати ғайриқонунӣ пешбинӣ мекунанд ва татбиқи амалии онҳо дар қисмати риояи қоидаҳои техникаи қонунгузорӣ, криминализатсияи кирдорҳои алоҳидаи тарафи объективии ташкили муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва ҳамоҳангсозии таркибҳои ҷиноятҳои монанд, вазифаи пешгирикунандаи қонуни ҷиноятиро пурра иҷро карда наметавонанд (саҳ. 8). Пешгирии муҳоҷирати ғайриқонунӣ яке аз ҳадафҳои асосии Консепсияи сиёсати давлатии муҳоҷирати ҶТ мебошад, ки он пеш аз ҳама зарурати такмил додани заминаи ҳуқуқии қонунгузории муҳоҷират дар ҶТ-ро талаб мекунад (саҳ. 7). Бо назардошти ин, таҳқиқи масъалаи мазкур аз лиҳози илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мубрам маҳсуб меёбад; *сеюм,* дар паёмҳои ҳарсолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ, ки ҳамчун ҳуҷҷати сиёсиву барномавии соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад, муҳоҷирати ғайриқонунӣ ҳамчун яке аз масъалаҳои мубрами ҷаҳони муосир эътироф гардида мубориза бар зидди ин падидаи хусусияти ҷинояти муташаккили фаромиллӣ гирифта, ки на танҳо ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ба амнияти дигар давлатҳои минтақа низ таҳдид менамояд, арзёбӣ мегардад (саҳ. 5). Муҳоҷирати ғайриқонунӣ падидаи манфӣ буда, ба амнияти давлат дар ҷанбаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии он таҳдид мекунад. Ҳамзамон, алоқаи муҳоҷират ва амният дутарафа мебошад, зеро муҳоҷирони ғайриқонунӣ на танҳо таҳдиди хатарро ба вуҷуд меоранд, балки баъзан худи онҳо бинобар сабаби вазъи ҳуқуқиашон дучори шаклҳои гуногуни истисмор гашта, наметавонанд аз ҳуқуқҳои муҳоҷирони қонунӣ истифода кунанд (саҳ. 43). Бинобар ин, таҳқиқи илмии масъалаи мазкур аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ барои рушди низоми ҳуқуқӣ нақши муҳим дошта метавонад; *чорум,* вазъи ҷинояткорӣ ва натиҷаҳои таҳлили қонунгузории миллӣ дар самти мубориза бар зидди муҳоҷирати ғайриқонунӣ, зарурати густариши рушди илмии ҳуқуқи ҷиноятӣ, муайян кардани шаклҳои ташкили муҳоҷирати ғайриқонунӣ, коркарди як қатор мафҳумҳои зарурӣ, муайян намудани

самтҳои асосии рушди минбаъдаи қонуни ҷиноятиро дар ин самт тақозо менамояд. (саҳ. 8). Таҳлили амиқи илмии масъала метавонад мушкилоти мазкурро то андозае осон гардонад.

Аз лаҳзаи ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон м. 335[1] «Ташкили воридшавии ғайриқонунии шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони бешаҳрванд ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ё ташкили гузариши транзитии ғайриқонунӣ ба воситаи ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва м. 335[2] «Ташкили муҳоҷирати ғайриқонунӣ» ворид карда то ҳол таҳқиқоти монографӣ дар ин самт анҷом дода нашудааст, ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқӣ – ҷиноятӣ дар самти мубориза бар зиддӣ ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманданд ҳанӯз коркард нашудаанд. Диссертатсияи мазкур ба бартараф намудани ин холигӣ дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон равона гардидааст. Аз ин рӯ, аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ таҳқиқоти диссертатсионии мазкур мубрам ба ҳисоб меравад.

**Натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи талабот ба диссертатсияҳо, ки ба бандҳои 10, 11, 12, 13, 14, 15, 16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» муайян карда шудаанд.** Диссертатсия кори анҷомёфтаи илмӣ-тахассусӣ буда, натиҷаи он барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории муҳоҷиратӣ мусоидат мекунад. Аз ҷумла ҷанбаҳои алоҳидаи мавзӯи диссертатсия барои рушди илмҳои соҳаҳои дигари ҳуқуқшиносӣ аҳамияти муҳим дорад.

Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуқтаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, инчунин таҳлилҳои танқидии ақидаҳои дар илм ҷойдошта, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуқтаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводҳои илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он дарак медиҳанд, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст.

Диссертатсия ягонагии дохилӣ дорад. Сохтори диссертатсия тибқи мақсад ва вазифаҳои он, инчунин талаботи таҳқиқоти муттасил ва мантиқӣ интихоб карда шудааст. Дар рисола усулҳои умумиилмӣ ва махсус, аз ҷумла

диалектикӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таҳлили низомнок, функсионалӣ, таҳлил ва синтез ва ғайра истифода шудаанд.

Ба ҳимоя нуқтаҳои илмии зерин пешниҳод мегарданд, ки онҳо навгониҳои таҳқиқоти диссертатсияро ифода месозанд:

1. Муаллиф бо далелҳои илмӣ асоснок кардааст, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи муҳоҷират» ҷиҳати дуруст бандубаст намудани м. $335^2$ **КҶ ҶТ** дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ мафҳуми ташкили муҳоҷирати ғайриқонунӣ дар таҳрири зерин муқаррар карда шавад: «Ташкили муҳоҷирати ғайриқонунӣ ин содир намудани кирдорҳои зиддиҳуқуқие, ки мақсади онҳо ташкили воридшавии ғайриқонунии шаҳрвандони хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд ба ҶТ, ташкили будубоши онҳо дар ҶТ, ташкили гузариши транзитии ғайриқонунии чунин шахсон ба воситаи ҳудуди ҶТ ва ё ташкили бо кор таъмин намудани чунин шахсон, бо роҳи таъмини воситаҳои нақлиётӣ ё ҳуҷҷатҳои қалбакӣ, манзили зист ё дигар биноҳо, ё расонидани дигар хизматрасониҳо мебошад».

2. Муаллиф муайян намудааст, ки Тоҷикистон ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти мубориза бар зидди муҳоҷирати ғайриқонуниро дар се сатҳ амалӣ менамояд, ки ҳар кадом хусусияти хоси худро доранд: а) ҳамкорӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ, ки дар доираи фаъолияти ташкилотҳои байналмилалӣ, ба монанди Созмони Милали Муттаҳид, Ташкилоти байналмилалии меҳнат, Созмони байналмилалии муҳоҷират ва дигарон амалӣ мегардад; б) дар сатҳи минтақавӣ, ки дар ҳамкории байниҳукуматии мамлакатҳо дар минтақаи муайян зоҳир мегардад (масалан, ҳамкорӣ дар доираи Иттиҳоди Аврупо, ИДМ, ЕврАзЭС, Созмони ҳамкории Шанхай); в) ҳамкориҳои дуҷониба, ки дар ҳамкории муштараки ҳукуматҳои давлатҳо ё мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ду мамлакат оид ба масъалаҳои мубориза бар зидди муҳоҷирати ғайриқонунӣ зоҳир мегардад

3. Дар диссертатсия асоснок карда шудааст, ки қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои ИДМ нишон медиҳад, ки меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии марбут ба муҳоҷирати ғайриқонунӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: 1) Меъёрҳое, ки бевосита ба чунин намуди ҷиноятҳо алоқамандӣ доранд ва

ҳамон тавр номгузорӣ карда шудаанд (КҶ Ҷумҳуриҳои Беларус, Молдова, Казоқистон ва Русия); 2) Меъёрҳое, ки ба ин намуди кирдори ҷиноятӣ бевосита алоқаманд нестанд, истилоҳи «муҳоҷирати ғайриқонунӣ»-ро истифода намебаранд, аммо ҷавобгариро барои чунин амалхо пешбинӣ кардаанд (КҶ Ҷумҳуриҳои Озарбойҷон, Арманистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Туркманистон).

4. Муаллиф ҳамчун объекти бевоситаи м. $335^1$ КҶ ҶТ муайян намудани «Муносибатҳои ҷамъиятие, ки аз фаъолияти бо қонунгузории муқарраргардидаи мақомоти идоракунии давлатӣ дар самти танзимнамоии муносибатҳои муҳоҷиратӣ вобаста ба тартиби воридшавии шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони бешаҳрванд ба ҶТ ё гузариши транзитии чунин шахсон ба воситаи ҳудуди ҶТ иборат мебошанд» мувофиқи мақсад медонад.

5. Аломатҳои тарафи объективии м. $335^1$ КҶ ҶТ, яъне ташкили воридшавии ғайриқонунии шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони бешаҳрванд ба ҶТ, ва ё ташкили гузариши транзитии ғайриқонунии чунин шахсон ба воситаи ҳудуди ҶТ дар м. $335^1$ КҶ ҶТ пешбинӣ гардидаанд. Аз ин лиҳоз м. $335^1$ КҶ ҶТ-ро «Ташкили муҳоҷирати ғайриқонунӣ» номгузорӣ намудан мувофиқи мақсад мебошад.

6. Муаллиф асоснок менамояд, ки дар як сатҳ муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои «аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ва гурӯҳи муташаккил» (банди «б» қ. 2 м. $335^1$ КҶ ҶТ) содир намудани ҷиноят мухолифи принсипи адолат мебошад. Зеро ин аломатҳои бандубастшавандаи ҷиноят дараҷаи гуногуни ба ҷамъият хавфнокӣ доранд. Бинобар ин, ҳолатҳои вазнинкунанда «аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ» ва «аз ҷониби гурӯҳи муташаккил»-ро дар қисматҳои гуногуни м. $335^1$ КҶ ҶТ пешбинӣ намудан зарур аст.

7. Декриминализатсия намудани диспозитсияи қ. 1 м. $335^2$ КҶ ҶТ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои «Ташкили ғайриқонунӣ фиристонидан ва бо кор таъмин кардани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа» пешбинӣ намудааст.

Муаллиф бо мақсади мукаммал гардонидани Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманданд ворид намудани тағйиру иловаҳоро мувофиқи мақсад медонад:

а) дар диспозитсияи м. 335[1] КҶ ҶТ ҳамчун кирдори алтернативии тарафи объективии ин ҷиноят пешбинӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ташкили будубоши ғайриқонунии шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони бешаҳрванд дар ҶТ;

б) хавфи ҷамъиятии истифода намудани ҳуҷҷатҳои қалбакӣ ҳангоми мусофират тавассути сарҳади давлатии ҶТ-ро ба инобат гирифта, пешбинӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба муҳоҷирони ғайриқонунӣ додани шаҳодатномаҳои қалбакӣ ё ҳуҷҷати дигаре, ки ба онҳо ҳуқуқи дар қаламрави давлат истиқомат намудан медиҳад, ҳамчун яке аз кирдорҳои алтернативии мусоидат ба муҳоҷирати ғайриқонунӣ донистан зарур аст;

в) бо мақсади баланд бардоштани сатҳи пешгирии ҷиноятҳои марбут ба муҳоҷирати ғайриқонунӣ дар м. 335[1] КҶ ҶТ пешбинӣ намудани нишонаи бандубастшаванда дар таҳрири зерин мувофиқи мақсад аст: «ҳангоми дидаву дониста ташкил намудани воридшавии шахсоне, ки аз ҳудуди Тоҷикистон маҷбуран бароварда шудаанд»;

г) ҷиноятҳои марбут ба муҳоҷирати ғайриқонунӣ дар бештари ҳолатҳо бо мақсади ба даст овардани манфиатҳои молиявию моддӣ содир мегарданд ва қариб тамоми шахсоне, ки ба ташкили муҳоҷирати ғайриқонунӣ машғуланд, барои ин кирдорашон подоши молиявӣ мегиранд. Бинобар ин, дар м. 335[1] КҶ ҶТ ворид намудани аломати бандубастшаванда дар таҳрири зерин зарур аст: «бо мақсадҳои ғаразнок»;

д) банди «д» қ. 2 м. 335[1] КҶ ҶТ «бо мақсади машғул шудан бо фаъолияти ғайриқонунӣ» дар таҳрири зерин муқаррар карда шавад «бо мақсади содир намудани ҷиноят дар қаламрави ҶТ». Чунки ин ҳолат ҷиноятро бе асос ва бе зарурият вазнин мегардонад ва аз дараҷаи хавфнокии кирдори содиргардида вобаста намедонад;

е) ба қ. 2 м. 335[1] КҶ ҶТ илова намудани аломати бандубастшаванда: «нисбат ба шахси баръало нобалиғ»;

ё) дар қ. 2 м. 335[1] КҶ ҶТ илова намудани аломати бандубастшаванда «бо усул ва тарзи барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок».

Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаи илмӣ дарҷ шудаанд, ки аз ин шумора 8 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тавсиядиҳанда ба чоп расидааст. Аз ҷумла: Ширинҷонов, Ф.И. Масоили криминализатсияи муҳоҷирати ғайриқонунӣ дар қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ – Душанбе, 2019. – № 5. Қисми 2. – С. 282-290., Ширинджонов, Ф.И. Сравнительно-правовой анализ незаконной миграции по законодательству государства членов СНГ // Қонунгузорӣ. – Душанбе, 2019. – № 1 (33). – С. 130-136., Ширинҷонов, Ф.И. Мафҳуми муҳоҷирати ғайриқонунӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2019. – № 2 (27). – С. 120-124., Ширинҷонов, Ф.И. Мубориза бо зидди муҳоҷирати ғайриқонунӣ дар сатҳи минтақавӣ: ҷанбаҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ // Паёми донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2019. – № 3. – С.242-248., Ширинҷонов, Ф.И. Таҳлили аломатҳои тарафи объективии ҷинояти моддаи 335[1] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2020. – № 1. – С. 173-178., Ширинҷонов, Ф.И. Оид ба тавсифи аломатҳои бандубастшавандаи моддаи 335[1] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2020. – № 1 (30). – С. 271-176., Ширинҷонов, Ф.И. Оид ба муайян намудани мафҳуми «муҳоҷирати ғайриқонунӣ» // Маҷаллаи академии ҳуқуқ (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2020. – № 1 (33). – С. 130-134., Ширинҷонов, Ф.И. Оид ба декриминализатсияи ташкили ғайриқонунӣ фиристонидан ва бо кор таъмин кардани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон

(маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ – Душанбе, 2020. – № 2. – С. 201-205. Инчунин нуқтаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ бо маърӯзаҳо пешниҳод шудаанд. Аз ҷумла: конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Таҳлили байналмилалии мушкилот ва дурнамои рушди илм ва маорифи муосир» (ш. Бостон, ШМА 25 феврали соли 2017); конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир» (ш. Душанбе, 1 июни соли 2019); конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Рушди илмҳои ҳуқуқ ва масоили бартараф намудани нуқсонҳо дар ҳуқуқ» (ш. Шахти, 31 октябри соли 2019), конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Ҳуқуқшиносии муосир» (ш. Пенза, 25 октябри соли 2019); конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Ҳуқуқи инсон: мушкилот, роҳи ҳал ва дурнамо» (ш. Душанбе, 30 ноябри соли 2019); конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Масоилҳои мубрами таърихи сиёсат ва ҳуқуқ» (ш. Пенза, 29 октябри соли 2019); конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Теоретические и прикладные вопросы комплексной безопасности» (ш. Санкт-Петербург, 20 марти соли 2020); конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҳамчун асоси ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқии инсони муосир» (ш. Казон, 26 марти соли 2020); конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Ҳуқуқшиносӣ ва сиёсатшиносӣ: назария ва амалия» (ш. Пенза, 29 марти соли 2020); конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи ««Таҳлили байналмилалии мушкилот ва дурнамои рушди илм ва маорифи муосир» (ш. Бостон, 22-23 апрели соли 2020); конференсияи ҷумҳуриявии «Ҳуқуқ ва иқтисод» (ш. Душанбе, 11-уми октябри соли 2019) ирсол намудааст. Хулоса, натиҷа ва нуқтаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои нашргашта инъикос ёфтаанд.

Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба муаллифон ва манбаи иқтибоси мавод ишора менамояд. Асардуздӣ дар диссертатсия мушоҳида намешавад.

**Сатҳи асоснокӣ ва боэътимодии натиҷаҳои илмӣ (нуқтаҳои илмӣ), хулосаҳои муаллиф.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз он ҷумла нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешкаш шудаанд, заминаи кофӣ ва боэътимоди назариявӣ ва методологӣ доранд. Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсияро корҳои илмӣ-назариявии олимони ватаниву хориҷӣ оид ба ҷанбаҳои гуногуни ҷиноятҳои бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманд, пажӯҳишҳои соҳавӣ ва маводи назариявӣ-амалии мақомоти давлатӣ, ки ба масъалаи мазкур бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд.

Ҳамзамон аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки хулоса ва муқаррароти дар он инъикосшударо метавон дар тадқиқотҳои минбаъдаи масъалаҳои ҳуқуқӣ истифода намуд. Тавсия ва таклифҳои дар таҳқиқот пешниҳодшударо ба мақсади такмил додан ва мукаммал намудани қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманд танзим мекунад, истифода намудан аст. Ҳангоми таҳияи рисолаи илмӣ таҳқиқотҳои олимони хориҷӣ аз мадди назар дур намондаанд.

Зимни навиштани диссертатсия маводҳои илмии мавзуи диссертатсия бахшидашудаи олимони русиягӣ В.А. Андрюшенков, М.Н. Ахмедов, Э.Р. Байбурина, Ю.Ю. Бишевский, А.М. Исхаков, М.М. Магеррамов, В.Е. Подшивалов, Н.В. Самойлюк, В.С. Соков, Т.Н. Уторова, М.В. Улянов, А.Н. Шкилев ва дигарон истифода шудаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол таҳқиқоти диссертатсионии алоҳида дар ин самт анҷом дода нашуда бошад ҳам, аммо баъзе масъалаҳо вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқамандандро дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии олимони ватанӣ Т.Ш. Шарипов, А.И. Сафарзода, У.А. Азиззода, И.Ҳ. Бобоҷонзода, Р.Ҳ. Раҳимзода, Н.Б. Азимзода, Н.А. Қудратов, Т. Ғайратов, Ҷ.З. Маҷидзода, К.Ҳ. Солиев, П.А. Насуров ва дигарон метавон дарёфт намуд. Диссертатсияи мазкур ба бартараф намудани ин холигӣ дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон равона гардидааст.

**Сатҳи навгонии натиҷаҳои илмӣ (нуқтаҳои илмӣ), хулосаҳои муаллиф, ки дар диссертатсия баён гардиданд.** Диссертатсияи мазкур нахустин

пажӯҳиши мукаммали илмӣ оид ба проблемаҳои вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманданд, дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар диссертатсия тамоми масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманданд, таҳқиқ шудаанд. Чунончи, муаллиф маҷмӯи масъалаҳои зеринро баррасӣ кардааст, ки дар илми ҳуқуқшиносии муосир навгонӣ маҳсуб меёбанд:

– таҳлили таърихи инкишоф ва рушди категорияи муҳоҷирати ғайриқонунӣ дар қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон;

– муайян намудани уҳдадориҳои байналмилалии ҶТ оид ба криминализатсия намудани кирдорҳои марбут ба ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманданд ва арзёбии онҳо;

– таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии масоили ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманданд дар қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои хориҷа;

– таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии аломатҳои объективии ҷиноятҳое ки дар м.м. 335[1] -335[2] -и КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд;

– таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии аломатҳои субъективии ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманданд;

– баррасии аломатҳои вазнинкунанда ва махсус вазнинкунандаи таркиби ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманданд;

– коркард ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ вобаста ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманданд.

Нуқтаҳои илмӣ ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия пешкаш шудаанд аз лиҳози илмӣ-методологӣ бо истифода аз ақидаҳои маъмули дар илм пазируфташуда, дар робита бо қонунгузорӣ ва таҷрибаи ҳуқуқӣ исбот карда шудаанд. Онҳо дар муқоиса бо нуқтаҳои илмӣ ва хулосаҳое, ки дар илм истифода мешаванд, навгонии илмӣ доранд.

## Эродҳо ба мазмун ва шакли диссертатсия

Дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ва ҳалталаб ҷой доранд, ки барои ҳалли онҳо фикри муаллиф талаб карда мешавад, аз ҷумла:

1. Дар таҳқиқот ба назари олимони ватанӣ, вобаста ба мавзуи баррасишаванда ва падидаҳои бо он алоқаманд камтар таваҷҷуҳ зоҳир гардида, қонунгузории даврони шӯравӣ низ вобаста ба масъалаи мазкур аз мадди назари муаллиф дур мондааст.

2. Нуқтаи назари муаллиф, ки тибқи он танҳо хориҷиён ва шахсони бешаҳрванд муҳоҷирони ғайриқонунӣ эътироф мегарданд баҳснок мебошад (саҳ. 90). Воқеияти пасошӯравӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба ҷараёни муҳоҷирати ғайриқонунӣ - ҷиноӣ ворид мебошанд. Ғайр аз ин, дар қаламрави мамлакати мо шумораи зиёди шахсоне истиқомат мекунанд, ки душаҳрвандӣ доранд. Дар рисола дар бораи онҳо сухане гуфта нашудааст.

Ҳамзамон эродҳое, ки дар боло зикр шудаанд аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба паҳлуҳои илмии диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

**Баҳои ягонагии дохилӣ ва аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳалли проблемаҳои мубрами дахлдор, вазифаҳои назариявӣ ё амалӣ.** Диссертатсия ягонагии дохилӣ дошта, усулҳое, ки дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ истифода шудаанд, ин сифати мусбии диссертатсияро таъмин намуда, минбаъд метавонанд дар таҳқиқоти илмии масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманд, истифода шаванд.

Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф аз ҷиҳати назариявӣ ба рушди ҳуқуқи ҷиноятӣ мусоидат хоҳад кард. Хулоса, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои такмили қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманд заминаи хубе ба ҳисоб мераванд. Ҳамзамон, онҳо метавонанд ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ истифода шаванд. Маводи диссертатсия ҳангоми тадриси фанни таълимии ҳуқуқи ҷиноятӣ ва курсҳои махсуси таълимӣ, ва ҳамчунин ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани

рисолаҳои тахассусии хатм, магистрӣ, диссертатсияҳо метавонад ба таври васеъ мавриди корбаст қарор гиранд.

**Тасдиқи нашри нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо, хулосаҳои диссертатсия.** Нуктаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар мақолаҳо, аз он ҷумла дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар мақолаҳои илмӣ, ки рӯйхати онҳо дар диссертатсия ва автореферати диссертатсия дарҷ ёфтааст, интишор шудаанд. Онҳо дар шакли маърӯза дар конференсияҳои илмиву амалии гуногуни байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ пешкаш шудаанд. Нашрияҳое, ки дар онҳо натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ интишор шудаанд, дар диссертатсия, аз ҷумла дар хулосаи он, инчунин дар автореферати диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Мувофиқати автореферати диссертатсия ба муҳтавои диссертатсия.** Автореферати диссертатсия ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла дар он мазмуни мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Мувофиқати диссертатсия ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Таҳқиқоти диссертатсионии Ширинҷонов Фирдавс Изатуллоевич ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудааст, мувофиқат дорад. Диссертатсия кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, натиҷаҳои он барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузорӣ аҳамият дорад. Диссертатсия ба ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мувофиқат дорад.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда (ташхисгар) дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз 8-уми декабри соли 2020, суратмаҷлиси № 5 оид ба диссертатсияи Ширинҷонов Фирдавс Изатуллоевич дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқамандaнд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади

илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) муҳокима карда шуда, ҳаматарафа ҷонибдорӣ ёфтааст.

Тақризи мазкур бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 78-85-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, № 505 тасдиқ шудааст, омода ва пешниҳод гардидааст.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ,**
**мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика**
**ва пешгирии коррупсияи Донишгоҳи давлатии**
**ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Ахмедов Н.И.**

**Ташхисгар, номзади илмҳои**
**ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи**
**ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва**
**пешгирии коррупсияи Донишгоҳи давлатии**
**ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати**
**Тоҷикистон** **Қурбонзода Б.Ш.**

**Котиби семинари васеи илмӣ-назариявӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими**
**калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ,**
**криминалистика ва пешгирии коррупсияи**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес**
**ва сиёсати Тоҷикистон** **Қобилов Б.Қ .**

**«Имзои Ахмедов Н.И., Қурбонзода Б.Ш.**
**ва Қобилов Б.Қ.-ро тасдиқ мекунам»**

**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии**
**ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Мирпоччоев И.Ҳ.**

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, 17 мкр-н; хонаи 1**
**Тел.: +992 (3422) 2-38-11.**
**Веб сайт: www:http://tsulbp.tj/**
**Email: Info@tsulbp.tj**